# РАВАНДҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШИРКАТҲОИ САЙЁҲӢ



Маркази кории фаъоли субъекти дилхоҳи бозори сайёҳиро идораи кории ширкат ташкил мекунад. Технологияи кор дар идораи кории ширкатҳои сайёҳӣ ба фаъолияти маъмурият (FrontOffice) ва шӯъбаҳои корӣ (BackOffice) ҷудо мешавад. Маъмулан, технологияи аввал ба хизматрасониҳои муштариён ва технологияи дуввум ба фаъолияти дохилии ширкат ва шарикони ширкат сару кор доранд.

Технологияи кор дар идораи кории ширкат хелҳои гуногун дошта, ба хусусият ва самти фаъолияти субъект алоқаманд аст. Ба технологияи кор дар идораи кории ширкат бошад, амалиёти коркард ва пешбурди санадҳо, ҳисобу китобҳо, истифодаи пойгоҳи додаҳо, таҳлил ва пешгӯиҳои банақшагирӣ, истифодабарии таблиғоту намоишҳо ва ғайра иборат буда метавонанд. Масалан, дар фаъолияти операторҳои сайёҳӣ бахши технологияи маъмурият (FrontOffice) ба савдои маҳсулотҳои сайёҳӣ ва хизматрасониҳои муштариён машғул буда, бахши технологияи шӯъбаҳои корӣ (BackOffice) бошад, доираи фаъолияти худро дар дохили ширкат ба омодасозии маҳсулотҳои сайёҳӣ, ҳамкориҳо бо ширкатҳои шарик, ҳисоббаробаркуниҳо, ҳисобҳои молиявӣ, идоракунии харидуфурӯш ваояндабинӣ роҳандозӣ менамояд.

Технологияи шӯъбаҳои корӣ инчунин ба технологияи мубодилаи иттилоотӣ низ алоқамандӣ дорад, ки равандҳои дақиқ ва саҳеҳ кардани пешниҳодҳо, тасдиқи ҷойбандкуниҳои чиптаҳои нақлиёт, ҷой дар меҳмонхонаҳо, хабардиҳии фаврӣ дар тағйиротҳои ба амал омада ва ғайраро дар бар гирифта метавонад.

**Иттилоот ва равандҳои иттилоотӣ.** Маълум аст, ки захираи асосии истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда барои ширкатҳои замонавии самту миқёси гуногун дошта, омили муҳими

баландбардории маҳсулнокӣ ва рақобатпазирӣ – иттилоот мебошад.

Иттилоот мафҳуми хеле васеъ аст. Калимаҳои арабии «хабар», «ахбор», «маълумот» ва ғайра баъзе паҳлӯҳои мафҳуми иттилоотро маънидод менамоянд, вале ягонтои онҳо ин калимаро пурра иваз карда наметавонанд. Ба таври оммавӣ мафҳуми иттилоот дар забонҳои мухталифи олам ҳамчун информатсия истифода мешавад.

Мафҳуми **информатсия** аз калимаи лотинии *informatio сарчашма гирифта, маънои маънидодкунӣ, фаҳмондадиҳӣ, баёнкунӣ, хабардоркунӣ ва ғайраро дорад. Одамон иттилоотро ба ҳамдигар бо тарзҳои шифоҳӣ, хаттӣ ё дар намудҳои имову ишоравӣ ва ё аломатӣ мерасонанд. Инсон ҳар гуна иттилоотро аввал худаш дарк мекунад ва баъд онро ба дигарон ирсол медиҳад.*

Мо иттилоотро аз китобҳои таълимию илмӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ва намоишномаҳои телевизиониву кинофилмҳо мегирем. Онро дар дафтар ё конспектҳоямон қайд менамоем. Дар фаъолияти истеҳсолӣ, мо иттилоотро дар намуди матну накшаҳо, маълумотномаву ҳисоботҳо, ҷадвалҳо ва дигар намуди ҳуҷҷатҳо ба қайд мегирем, ё интиқол медиҳем. Чунин намуди иттилоотро бо ёрии компютер низ ба қайд гирифтан, кор карда баромадан ва интиқол додан мумкин аст.

Новобаста аз намуди тасвиршавиаш, иттилоот ҳамеша *маълумот* дар бораи ягон шахс ё ягон чиз аст. Вай ҳодисаҳои дар ҳаёти мо аллакай рӯйдода ё рӯйдиҳандаро инъикос менамояд. Масалан, мо дирӯз кадом корҳоро анҷом додем, ё пагоҳ бо чӣ корҳо машғул мешавем, мисолҳои ииттилоот шуда метавонанд. Дар ин мавридҳо бояд иттилоот ҳатман дар ягон шакли мушаххас – ҳикоя, расм, мақола, шеър ва ғайра тасвир гардад, ё ба қайд гирифта шавад. Асарҳои мусиқӣ ва графикӣ, китобу мусаввараҳо, спектаклу кинофилмҳо – шаклҳои гуногуни тасвири иттилоотро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, иттилоот дар ҳар гуна шакл – инъикоси дунёи воқеӣ ё хаёлӣ мебошад. Аз ин рӯ, иттилоотро ҳамчун инъикоси ҷаҳони моддӣ дар шакли аломатҳо ва сигналҳо тасвир

кардан мумкин аст. Вале ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки таърифи мутлақо аниқи иттилоот вуҷуд надорад. Вай ҳамчун мафҳумҳои нуқта ё ҳамворӣ дар геометрия ва ё адад дар математика мафҳуми ибтидоӣ аст. Иттилоотро чунин маънидод кардан мумкин аст:

*Иттилоот маълумот дар бораи ягон ҳодиса, предмет, шахс, рӯйдод ва умуман, муҳити атроф аст, ки сатҳи номуайянии дониши инсонро дар ҳамон самти омӯзиш кам менамояд.*

**Хосиятҳои иттилоот.** *Дарёфти иттилоот* – ин ба даст овардани далел, маълумот ва додашудаҳо дар бораи хосиятҳо, сохтор ё алоқамандии объектҳо ва рӯйдодҳои муҳити атрофи мо мебошад. Мазмуни моддии иттилоот имкон медиҳад, ки *хосиятҳои асосии он* – саҳеҳӣ, мукаммалӣ, муҳиммӣ, актуалӣ, аниқӣ, дастрасӣ, кӯтоҳӣ ва фаҳмогӣ равшан карда шаванд.

- *Иттилооти саҳеҳ* (мӯътамад) ҳисоб карда мешавад, агар вай вазъи аслро мутлақо дуруст тасвир намояд. Иттилооти носаҳеҳ боиси хатофаҳмии рӯйдод ва қабули қарорҳои нодуруст мегардад.
- *Иттилооти мукаммал* (пурра) шумурда мешавад, агар вай барои фаҳмиши вазъи асл ва қабули қарори дахлдор кифоя бошад. Нопуррагии иттилоот монеаи қабули қарорҳо ва сабаби роҳдиҳӣ ба хатоҳо мегардад.
- *Муҳимии* (арзишмандии) *иттилоот* дар он зоҳир мегардад, ки бо ёрии он кадом масъалаҳо ҳал карда мешаванд.
- *Иттилооти актуалӣ* (замонавӣ) ҳисобида мешавад, агар вай дар шароити доимо тағйирёбанда воқеиятро дуруст инъикос намояд.
- *Иттилоот фаҳмо* (возеҳ, аён) шумурда мешавад, агар вай тарзе ифода шуда бошад, ки дастраси истифодабаранда бошад.
- *Иттилооти аниқ* ҳисобида мешавад, агар вай дараҷаи беҳтари наздикии вазъи аслии объект, раванд ё рӯйдодро инъикос намояд.

Асоси бунёдии саноати туристиро таъминоти иттилоотӣ ташкил карда дар ҳар як марҳила алоқамандии иттилоотии иштирокчиёни саноати туристиро мушоҳида намудан мумкин аст. Алоқамандии иттилоотӣ дар саноати туристӣ дар расми зерин




оварда шудааст.

Алоқамандии иттилоотии равандҳои сайёҳӣ

Аз расм дида мешавад, ки яке аз пешниҳодкунандагони асосии хизматрасониҳои сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ мебошанд. Ширкатҳои сайёҳӣ бошанд, бисёртар ба шаклҳои зерини баҳрабардории иттилоотии шабакаи саросарӣ рағбати махсус зоҳир менамоянд:

– иртибот ва алоқаи сермаҳсул;
– тарғибот ва пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ;
– тадқиқотҳои бозорӣ (маркетингӣ);
– намойиши электронии ширкат ва сабади маҳсулотҳои сайёҳии он;
– истифодабарии имкониятҳои электронии байналмилалӣ ва минтақавии гузаронидани намойиш ва ярмаркаи маҳсулоти сайёҳӣ;
– истифодабарии имкониятҳои ҷойбандкунӣ ва захирасозии иттилоотӣ;

– мустақиман ташкил намудани сайёҳат ва тариқи электронӣ дастраскунии роҳхатҳо;

– истифодабарии каталогҳои маҳсулотҳои сайёҳӣ аз рӯйи мамлакатҳо ва самтҳои сайёҳат;

– гирифтани итттилооти фаврии кишваршиносӣ, вазъи боду ҳаво дар мамлакатҳои гуногун, тури ҳаракат ва хатсайрҳои нақлиётҳои гуногун;

– аз ширкатҳои сайёҳӣ гирифтани иттилоот оиди тарифҳо, арзиши хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, хатсайрҳо ва дигар намуди хизматрасониҳои сабади сайёҳӣ;



– истифодабарии шабакаи интернет дар ҳисоббаробаркуниҳо;

– таҳияи ҷойи кории идоракунии электронии сайёҳӣ.

Имконияти оддитарини тадбиқи Интернет дар сайёҳӣ ин истифодабарии имкониятҳои паҳнкунии иттилоот оиди ширкат ва хизматрасониҳои сайёҳии он дар сафҳаҳои электронии гуногуни эълонҳо, форумҳо ва ғайра мебошад.

**Саволҳо:**

1. Технологияи кор дар идораи кории ширкатҳои сайёҳиро ба кадом гурӯҳҳо ҷудо менамоянд?
2. Иттилоот чӣ гуна таъриф дода мешавад?
3. Хосиятҳои иттилоот кадомҳоянд?
4. Алоқамандии иттилоотии равандҳои сайёҳӣ чӣ тавр амалӣ мешаванд?
5. Ширкатҳои сайёҳӣ бештар ба кадом шаклҳои баҳрабардории иттилоотии шабакаи саросарӣ рағбат доранд?